# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Масъалаи тарбияи миллӣ дар заминаи омӯзиши таърихи кишвари хеш айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб менамояд. Дар раванди ҳаллу фасли ин проблема, махсусан ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии насли наврас бояд аз дастовардҳои соҳаҳои ҷомеашиносӣ, махсусан аз қабили таърих, фалсафа, ҷомеашиносӣ низ бояд пурсамар истифода намуд.

Мавзуи интихобнамудаи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” мубрам буда, дар он тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути омӯзиши фанни таърих ва ва шиносоӣ бо кишвари хеш таҳқиқ гардидааст.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявию амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи автореферат муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш, сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мукаммал оварда шудааст.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи унвонҷӯ Саиднуриддинзода А.С. бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагонро тавассути фанни таъриху омӯзиши кишваршиносӣ, моҳияту мазмун, хусусиятҳои тарбияи меҳанпарастии хонандагони синфҳои болоиро бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон

дар машғулиятҳои синфӣ ва бернуазсинфӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Унвонҷӯй ба он муваффақ шудааст, ки тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро дар асоси омӯзиши фанни таърих ва шиносоӣ бо кишвари хеш таҳқиқ намуда, самтҳои рушди онро дар замони муосир муайян намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқ ёфтааст:

1. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ тавассути омӯзиши таърих ва шиносоӣ бо кишвари хеш;
2. Муайянсозии сатҳи тарбияи ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ.
3. Коркарди воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ.
4. Ташаккули тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолиятҳои фориғаздарсӣ ва омӯзиши маконҳои таърихии маҳалли зисти хонандагон ва дар ин замина боло бурдани худшиносию эҳсоси ватандӯстии хонандагон.

Мақолаҳои ба нашррасонидаи муаллиф ба мавзӯъи тадқиқотӣ тавъам мебошад. Шумораи мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқ шаш ададро ташкил дода, ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омада дорои ягонагии ба ҳам алоқаманд буда, ба фароҳам овардани шароити педагогии мусоид барои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ мусоидат менамоянд.

**Эродҳо ба фишурдаи кор.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ автореферат аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуни он муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар фишурдаи кор диққати асосӣ ба таҳлили тарбияи ватандӯстӣ, муҳаббат ба кишвари хеш, принсипу вазифа ва шаклҳо дода шуда, ба ҷанбаи таҳлили педагогии масъала аз нигоҳи олимону муҳаққиқон камтар диққат дода шудааст.
2. Дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

Бояд қайд намуд, ки нуқсонҳои номбурда ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозад.

Хулоса, рисолаи илмӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, муаллифи он Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Мудири шуъбаи педагогика, психология ва
Методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
Ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Л.М.Иматзода

20 .08.2024 с.

Маълумот барои тамос: 73.4024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 11,2. Тел.: (+992) 55 533 31 21. E-mail: imatoval@mail.ru

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи
ба номи А.Ҷомии АТТ Х.Ҳакимова

ШУЪБАИ КАДРҲО